МАЪЛУМОТНОМАИ МАШВАРАТӢ

# COVID-19: Нигоҳе аз нуқтаи назари гендерӣ

## ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА СОЛИМИИ ҶИНСӢ ВА РЕПРОДУКТИВӢ ВА МУСОИДАТ БА БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ

МАРТИ 2020



# ПАЁМҲОИ КАЛИДӢ

- **Паҳншавии бемори ба мардону занон таъсири гуногун дорад** ва пандемия нобаробарии мавҷударо нисбати занону духтарон ва табъизи дигар гурӯҳҳои аҳолӣ ба монанди шахсони маъюб ва шахсони дар фақр зиндагидоштаро боз ҳам мушкилтар карда истодааст. Бо дарназардошти таъсири гуногун вобаста ба муайянсозӣ ва дастрасии занону мардон ба табобат масъалаи мазкур бояд ба инобат гирифта шавад.

- Дар миқёси ҷаҳон **занҳо 70 фоизи қувваи кории соҳаҳои тандурустӣ ва иҷтимоиро ташкил медиҳанд** ва ба он, ки то чи андоза онҳо дар муҳити корӣ метавонанд дучори табъиз гарданд, бояд эътибори хоса дода, инчунин дар бораи ҳуқуқ ва саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ ва ниёзи равониву иҷтимоии онҳо ҳамчун кормандони дар сафи пеши соҳаи тандурустӣ фаъолиятдошта бояд фикр намуд.

- Ҳангоми бӯҳрон ба монанди паҳншавии бемориҳо **занону духтарон метавонанд** аз сабаби болоравии сатҳи шиддат дар оила **зери хатари баланди зӯроварӣ аз ҷониби шарики шаҳвонии худ ва дигар намудҳои зӯроварӣ дар оила қарор гиранд.** Аз сабаби он, ки низомҳои муҳофизати занону духтарон, аз ҷумла сохторҳои ҷамъиятӣ метавонанд заиф гарданд ё барҳам хӯранд, бо дарназардошти тамоюли тағйирёфтаистодаи хатари дар натиҷаи бемории коронавируси нави COVID-19 бамиёномада ҷиҳати ҳифзи занону духтарон аз хатари зӯроварӣ аз ҷониби шарики шаҳвонӣ чораҳои мушаххас андешидан зарур аст.



- **Ҳуқуқ ва саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ** қисмати муҳими тандурустии ҷомеа мебошад, ки дар ҳолатҳои пандемия **диққати ҷиддиро тақозо менамояд.**

- **Ҳомиладории амн ва таваллуди бехатари кӯдак аз сатҳи фаъолияти низоми тандурустӣ** ва риояи қатъии қоидаҳои пешгирии сироятёбӣ **вобаста аст.**

- **Мусоидат ба танзими оила ва пешниҳоди дигар воситаҳои саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ,** аз ҷумла воситаҳои солимии ҳайзбинӣ барои солимии занон, васеъкунии ҳуқуқу имкониятҳои онҳо ва рушди босубот нақши калидӣ дошта, **метавонад аз сабаби дар зери фишор қарор гирифтани занҷираҳои таъминот дар натиҷаи чораҳои мубориза бо пандемия таъсир бинад.**

- Дар ҳолати қатъгардии ҷиддии хизматрасониҳо дар муассисаҳои тиббӣ ва ё дигар фалаҷшавиҳо **таъмини дастрасии доимии занон ва духтарони синну соли репродуктивӣ ба кӯмаки тиббӣ зарур аст. Бояд мушкилоту монеаҳоро ҳаллу фасл ва бартараф намуда, дастрасии занону духтарон,** хусусан онҳое, ки гирифтори зӯроварӣ мебошанд ва ё метавонанд дар зери хатари зӯроварӣ ва ё карантин қарор дошта бошанд, ба хизматрасониҳо, аз ҷумла ҳадамоти кӯмаки равониву иҷтимоӣ таъмин карда шавад.

- Бо мақсади инъикоси тағйиротҳо дар муассисаҳои мавҷудаи хизматрасонӣ **роҳнамоҳои равонасозӣ ба марказҳои хизматрасонӣ оид ба зӯроварии гендерӣ нав карда шуда,** гурӯҳҳои зери хатар ва шахсони хизматрасон бошанд оид ба чунин роҳнамоҳои навкардашуда хабардор карда шаванд.

- Аз сабаби сатҳи баланди хавфи оқибатҳои номатлуб **ба занҳои ҳомиладори мубталои бемориҳои роҳҳои нафаскашӣ бояд диққати аввалиндараҷа дода шуда,** шӯъбаҳои антенаталӣ, неонаталӣ ва таваллудхонаҳо бояд аз шахсоне, ки дар онҳо сирояти бемории коронавируси нав муайян гардидааст, ҷудо нигоҳ дошта шавад.

- Дар **низоми назорати эпидемиологӣ ва мубориза** гурӯҳбандии беморон аз рӯи ҷинс, синну сол ва ҳолати ҳомиладорӣ таъмин карда шавад.

- **Таъмини солимии рухӣ ва дастгирии руҳиву иҷтимоии** шахсони алоҳида, оилаҳо, ҷомеаҳо ва кормандони тандурустии таъсирдида **қисмати муҳими мубориза бо беморӣ мебошад.**

- **Тамоми кормандони тиббӣ, аз ҷумла заноне,** ки дар мубориза бо коронавируси нав иштирок мекунанд, **бояд воситаҳои муҳофизати шахсӣ дошта бошанд.**

- **Бо дарназардошти робитаи мустақим бо ҷомеаҳо** ва иштирок дар бештари корҳо оид ба нигоҳубин **занҳо зери хатари баландтари сироятёбӣ қарор мегиранд.** Ба шарофати чунин робитаи наздик бо ҷомеа **занон инчунин метавонанд дар таҳия ва татбиқи чорабиниҳо**и пешгирикунанда ва ҷалби ҷомеа **таъсири мусбӣ расонанд.**

- Ҷиҳати таъмини бехатарӣ, ҳифзи шаъну шараф ва ҳуқуқҳои мардум **бояд нигоҳубин ва маълумоти дақиқ ва дастгирикунанда пешниҳод карда шавад.**

- Ҷиҳати баланд бардоштани маълумотнокӣ, ҳифз ва дастгирии ҷавонон, занҳо, оилаҳо ва ҷомеаҳо бояд аз **таҷрибаи Хазинаи нуфузи СММ дар ҷодаи ҳамкорӣ бо ҷомеа, ҷалби ҷомеа ба чорабиниҳои иҷтимоӣ ва шабакаҳои васеъ** дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба монанди ташкилотҳои ҷавонон ва занҳо, ходимони дин ва роҳбарони ҷомеаҳо  истифода бурд. Ин барои ташаккули дониши онҳо оид ба муҳофизат аз коронавируси нав ҷиҳати нигоҳ доштани сатҳи паҳншавии сироят, тарғиби дигаргунии рафтор барои ҳаёти солим, пешгирии роҳҳои хатарноки интиқоли коронавируси нав дар байни ҷомеаҳо ва паст кардани сатҳи тамғагузорӣ ва табъиз мусоидат хоҳад намуд.

- Ҷиҳати пешниҳоди маълумоти дақиқ ба занҳо, аз ҷумла занҳои синну соли репродуктивӣ ва ҳомиладор оид ба пешгирии сироят, хатарҳои эҳтимолӣ ва роҳҳои муроҷиати саривақтӣ ба кӯмаки тиббӣ, инчунин муҳофизат аз зӯроварии гендерӣ  **ХНСММ бо ҳукуматҳо, СУТ ва дигар сохторҳои дар соҳаи тандурустӣ фаъолиятдошта (Н6) ва шарикони миллӣ аз наздик ҳамкорӣ хоҳад намуд.**



© ЮНФПА БАНГЛАДЕШ

# COVID-19



**Бемории коронавируси нав 2019** (COVID-19), ки аз ҷониби СУТ санаи 11 марти соли 2020 ҳамчун **пандемия** эълон гардидааст, штамми нави коронавирусест, ки аввалин маротиба санаи 31 декабри соли 2019 ба қайд гирифта шуда, бемории роҳи нафасро аз шамолзании оддӣ сар карда то ба бемориҳои нисбатан шадид, ки ба марг оварда мерасонад, эъҷод мекунад.

Ба санаи 18 март бемории COVID-19 дар 157 кишвари олам ба қайд гирифта шуда, зиёда аз 200 000 ҳолатҳои сироятёбӣ ва 8 000 ҳолатҳои фавт дар натиҷаи он тасдиқ гардидааст. Метавонед дар тахтаи маълумот дар сомонаҳои Global Dashboard, Johns Hopkins, ва Italy dashboard оид ба шумораи ҳолатҳои беморӣ маълумот ба даст оред.

## Пешгирӣ ва аломатҳои коронавирус

Мутобиқи роҳнамои СУТ барои пешгирии паҳншавии коронавирус бояд корҳои зеринро иҷро намуд:







## Ки зери хатари баланд қарор дорад?

Таҳлилҳои эпидемиологии СУТ ва Марказҳои мубориза бо бемориҳо нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла калонсолон, шахсони дорои бемориҳои мунзим ва масъунияти пастгардида ба монанди шахсони мубталои бемориҳои дил, диабети қанд ва роҳи нафас дар зери хатари баланди фавт дар натиҷаи бемории COVID-19 қарор доранд, ки онҳо дар доираи чораҳои мубориза бо беморӣ бояд дар маркази диққат бошанд.



**Аксарияти шахсони сироятёфта дар синни 30-69 мебошанд**



**Шумораи баландтарини ҳолатҳои фавт дар байни калонсолон ва шахсони мубталои бемориҳои дигар рух дода истодааст.**

Барои тасдиқи маълумот оид ба фарқиятҳои синнусолӣ маълумоти дақиқ ва фарогир аз рӯи ҷинс зарур аст, зеро шадиднокии сироят аз синну сол (аз 60 сола боло) ва шароити муҳит вобаста аст. Масалан бемории ВНМО дар байни калонсолон, хусусан занон масъалаест, ки аз мадди назар дур мондааст ва дар натиҷа бо чораҳои мубориза фаро гирифта намешаванд. Аз ин лиҳоз, дар асоси сабақҳои аз дигар бемориҳои сироятӣ омӯхташуда ба ниёзи занони калонсол диққати аввалиндараҷа додан зарур аст.

Ҳамзамон, паҳншавии беморӣ ба занону мардон ба таври гуногун таъсир мерасонад.

**Пандемия вазъияти занону духтаронро дар радифи нобаробарии гендерии мавҷуда боз ҳам вазнинтар карда, метавонад ба фарогирии онҳо бо табобат ва кӯмаки тиббӣ таъсир расонад.**



# ҲУҚУҚ ВА САЛОМАТИИ ҶИНСӢ ВА РЕПРОДУКТИВӢ

## МАСЪАЛАИ МУҲИМИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ БУДА, ҲАНГОМИ ПАНДЕМИЯ ДИҚҚАТИ ҶИДДИРО ТАҚОЗО МЕНАМОЯД

Дар натиҷаи чораҳои фаврӣ вобаста ба паҳншавии бемории COVID-19 инчунин захираҳо барои хизматрасонӣ дар соҳаи солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ ҷудошуда шояд барои мубориза бо паҳншавии бемории коронавирус равона карда шавад, ки дар натиҷа сатҳи фавти модару кӯдак баланд гардида, ниёзи қонеъношуда ба воситаҳои пешгирикунандаи ҳамли номатлуб метавонад боз ҳам боло равад ва инчунин шумораи исқоти ҳамли номаҳфуз ва сироят тавассути алоқаи ҷинсӣ зиёд шавад.

Дар миқёси олам занон 70 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ ва иҷтимоиро ташкил медиҳанд. Момодояҳо, ҳамшираҳои шафқат ва кормандони тибби сатҳи маҳаллӣ дар сафи пеши чораҳои мубориза бо паҳншавии бемориҳо ва нигоҳдории сатҳи онҳо қарор дошта, ба воситаҳои муҳофизати шахсӣ (ВМШ) ниёз доранд. Ҳомиладории амн ва таваллуди бехатари кӯдак аз шумораи кифояи кормандони тахассусманди тандурустӣ, хусусан момодояҳо, ва шароити зарурӣ барои расонидани кӯмаки тиббии заминавӣ ва фаврии босифати шабонарӯзӣ вобаста аст. Ба бемориҳои роҳи нафас дар байни занони ҳомиладор, хусусан сирояти бемории COVID-19 аз сабаби сатҳи баланди хатари оқибатҳои номатлуби он бояд ҳамчун афзалияти аввалиндараҷа эътибор дода шавад. Дар доираи чораҳо оид ба мубориза бо сироят бояд шахсони ба сироят шубҳакардашуда, эҳтимолӣ ва тасдиқшуда аз шӯъбаҳои нигоҳубини антенаталӣ, неонаталӣ ва таваллудхона ҷудо нигоҳ дошта шаванд. Низоми назорати эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза дар байни занони синну соли репродуктивӣ ва занони ҳомиладор, аз ҷумла дар клиникаҳои хизматрасонии антенаталӣ бояд ба роҳ монда шавад. Дар айни ҳол ягон маълумоти тасдиққунандаи интиқоли амудии бемории COVID-19 аз модар ба кӯдак вуҷуд надорад.

Машварат оид ба танзими оила ва хизматрасониву воситаҳои саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ, аз ҷумла вобаста ба солимии ҳайзбинӣ барои саломатии занону духтарон, васеъкунии имкониятҳо ва ҳифзи шаъну шарафи онҳо аҳамияти калидӣ дошта, аз сабаби он, ки занҷираҳои таъминот дар натиҷаи чораҳои мубориза бар зидди пандемияи коронавируси нав зери фишор қарор хоҳад гирифт, ин ба масоили болозикр метавонад таъсир расонад.




© Дафтари минтақавии ЮНФПА дар давлатҳои араб

Низоми назорати эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза инчунин бояд ҷинс, вазъияти касбӣ ва ҳолати ҳомиладориро ба инобат гирад. Бо дарназардошти он, ки чунин паҳншавии беморӣ ва пандемия метавонад ба ҳар як фард, оила ва ҷомеаҳои ҷабрдида таъсир гузорад, кӯмаки руҳӣ ва равониву иҷтимоӣ бояд қисмати муҳими чораҳои умумии мубориза бошад.

ХНСММ нақши пешсафи сохторҳои ҷумҳуриявию маҳаллӣ, ҷомеаҳо ва баҳрабарандагонро дар таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳо оид ба саломатии ҷинсиву репродуктивӣ ҳангоми пандемия дастгирӣ мекунад. Ҳамкорӣ ва ҳамшарикӣ бо СУТ ва дигар сохторҳои СММ дар ҷодаи дастгирии Вазорати тандурустӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор дар таъмини пешниҳоди маълумоти дақиқ ба занони синну соли репродуктивӣ, аз ҷумла занони ҳомиладор оид ба чораҳои пешгирикунандаи сироят, хавфҳои эҳтимолӣ ва роҳҳои муроҷиат ба кӯмаки тиббии саривақтӣ нақши муҳим мебозад.

# ЗАНОН ВА МАРДОН БА ТАВРИ ГУНОГУН ТАЪСИР МЕБИНАНД

Паҳншавии беморӣ ба занону мардон ба таври гуногун таъсир расонида, дар натиҷаи эпидемия вазъияти занону духтарон дар муҳити нобаробарии мавҷуда коҳиш ёфта, табъиз нисбати дигар гурӯҳҳои дарканормонда ба монанди шахсони маъюб ва шахсони камбизоат боло меравад. Бо дарназардошти таъсири гуногун вобаста ба муайянсозии ҳолатҳо ва дастрасии занону мардон ба табобат ва инчунин некӯаҳволии умумии онҳо ин омилҳоро бояд ба инобат гирифт.



## Меъёрҳои гендерӣ хавф эҷод мекунанд

Занон нисбат ба мардон барои қабули қарор вобаста ба паҳншавии беморӣ шояд салоҳияти камтар дошта бошанд, ки дар оқибат ниёзҳои онҳо марбут ба саломатӣ дар умум ва солимии ҷинсиву репродуктивӣ метавонад қонеъ нагардида монад. Сабақҳои дар натиҷаи паҳншавии вируси Зика омӯхташуда, фарқият дар салоҳияти байни мардону занон нишон дод, ки занҳо дар қабули вобаста ба саломатии ҷинсиву репродуктивии худ озодии кофӣ надоштанд, ки ин мушкилот бо дастрасии нокифояи онҳо ба кӯмаки тиббӣ ва нокифоягии маблағ барои рафтан ба беморхона ва муассисаҳои тандурустӣ барои муоинаи кӯдакони худ дучанд гардида буд, гарчанд аксарияти корҳо оид ба пешгирии паҳншавии вирус дар маҳалҳо аз ҷониби занҳо иҷро шуда буд. Аксари вақт инчунин занҳо дар корҳои банақшагирӣ ва мубориза бар зидди пандемия дар сатҳи зарурӣ иштирок карда наметавонанд, ки чунин ҳолат аллакай дар баъзе чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва миллӣ оид ба мубориза бо бемории COVID-19 ба назар мерасад.

Вобаста ба хавфҳои дигар бошад, мардон шояд дар натиҷаи меъёрҳои қатъии гендерӣ ва бо хоҳиши он, ки дар симои онҳо шахси қавиирода, на балки заифро бинанд, барои таъмини саломатӣ камтар кӯшиш кунанд, ки дар натиҷа муайянкунии сироят ва дастрасӣ ба табобати вирус ба таъхир меафтад. Дар заминаи чунин меъёрҳо дар шароити мушкилоти иқтисодӣ дар натиҷаи паҳншавии бемориҳо, набудани имконияти кор, ки шиддат ва низои оилавиро ба миён меорад, мардон инчунин метавонанд дар зери фишор қарор гиранд. Ҳангоми карантин мушкилоту ниёзи мардону занон аз сабаби ниёзҳои гуногуни ҷисмонӣ, фарҳангӣ, бехатарӣ ва санитарии онҳо инчунин фарқ мекунад.

## Тақсими меҳнат дар ҷодаи нигоҳубин ва иҷрои корҳо байни занону мардон



Ҳафтод фоизи қувваи кории соҳаи тандурустиро дар сатҳи ҷаҳон занон ташкил медиҳанд, ки ин хусусияти хоси гендерии қувваи кории соҳаи тандурустӣ ва хавфи сироятёбиро аз ҷониби кормандони тиб аз ҳисоби занон нишон медиҳад. Бо дарназардошти он, ки занҳо қисмати асосии кӯмаки аввалияи тиббиву санитариро расонида, инчунин дар сатҳи ҷомеа бо мардум робитаи мустақим доранд, нигароникунанда аст, ки онҳо ба раванди қабули қарор ва банақшагирии чорабиниҳо, механизмҳои назорати бехатарӣ, муайянкунии ҳолатҳои сироят ва пешгирии он пурра ҷалб намешаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки нақши занон дар ҷомеаҳо дар аксари ҳолатҳо ба онҳо ҷиҳати муайян кардани тамоюл дар сатҳи маҳаллӣ, аз ҷумла оғози паҳншавии беморие ва вазъияти тандурустӣ умуман, имконияти хубе фароҳам меорад.

Таҷрибаи гузашта аз паҳншавии бемориҳо нишон дод, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокии чораҳо дар соҳаи тандурустӣ ва мусоидат ба баробарии гендерӣ ва дастрасии баробар ба хизматрасониҳои тандурустӣ ҷорисозии таҳлили гендерӣ ба чораҳои омодагӣ ва мубориза муҳим аст. Ҳангоми паҳншавии эбола дар Африкаи Ғарбӣ солҳои 2014-16 бо дарназардошти нақши бартариятноки занҳо ҳамчун шахсони нигоҳубинкунанда дар оила ва ҳамчун кормандони тандурустӣ, ки бо мардум дар робитаи мустақим буданд, эҳтимолияти сироятёбӣ бо вирус дар байни онҳо баландтар буд.







Бо дарназардошти он, ки занҳо маъмулан дар оила бештар аъзои дигари оиларо нигоҳубин мекунанд, қатъ гардидани фаъолияти мактабҳо бо мақсади назорати интиқоли бемории COVID-19 ба занҳо аз нуқтаи назари иқтисодӣ таъсири гуногун расонида, дар оқибат имкониятҳои шуғл ва иқтисодии онҳоро маҳдуд мекунад. Дар умум таҷрибаи паҳншавии бемориҳо маънои онро дорад, ки илова ба он, ки занҳо дар басти пурра кор мекунанд, бори гарони онҳо дар оила боз ҳам гаронтар шуда, масъулияти онҳо дар оиладорӣ боз ҳам зиёдтар мегардад. Илова ба ин маҳдудиятҳои сафар мушкилоти молиявӣ ва номуайяниро асосан барои занҳои шаҳрвандони хориҷӣ, ки ҳамчун пешхизмати хона фаъолият доранд ё онҳое, ки дар соҳаи хизматрасониҳои дар зери таъсири маҳдудиятҳои сафар қароргирифта кор мекунанд,    эъҷод мекунад.

## Болоравии зӯроварии гендерӣ

Пандемия нобаробариву осебпазирии гендерии мавҷударо боз ҳам мушкилтар намуда, хавфи зӯровариро боло мебарад. Дар ҳолатҳои бӯҳрон ба монанди паҳншавии беморӣ аз сабаби сатҳи баланди шиддат дар хонавода занону духтарон метавонанд зери хавфи баландтар, масалан зӯроварӣ аз ҷониби шарики шаҳвонӣ ва дигар намудҳои зӯроварӣ дар оила қарор гиранд. Онҳо дар вазъиятҳои мазкур инчунин ба хавфи баланди дигар намудҳои зӯроварии гендерӣ, аз ҷумла истисмор ва зӯроварии шаҳвонӣ дучор мегарданд. Масалан, таъсири иқтисодии паҳншавии бемории эбола дар Африкаи Ғарбӣ солҳои 2013-2016 занону кӯдаконро зери хатари ниҳоят баланди истисмор ва зӯроварии шаҳвонӣ гузошт.

Илова ба ин, кӯмак ва дастгирии ҳаётан муҳим ба ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ (яъне идоракунии клиникии ҳолати зӯроварӣ ва дастгирии рӯҳӣ ва равониву иҷтимоӣ) дар давраи татбиқи чораҳо дар соҳаи тандурустӣ вақти серкору серташвиш будани кормандони тиб ҳангоми нигоҳубин ба шахсони бо коронавируси нав сироятёфта метавонад қатъ гардад. Низом бояд чораҳои зарурӣ бинад то кормандони тиб барои кор бо маълумоти ҳассоси марбут ба зӯроварии гендерӣ малакаҳои зарурӣ дошта, донанд, ки бояд ба ҳама гуна ҳолатҳои ифшои маълумот оид ба зӯроварии гендерӣ бо эҳтиром, ҳисси ҳамдардӣ ва риояи  махфият муносибат карда, ҳангоми хизматрасонӣ шахси ҷабрдидаро дар маркази диққати худ қарор диҳанд. Инчунин бо мақсади инъикоси дигаргуниҳо дар муассисаҳои мавҷудаи кӯмакрасон нав кардани маълумотнома оид ба механизмҳои равонсозии ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ ва хабардор намудани гурӯҳи зери хатар ва пешниҳодкунандагони хизматрасониҳо оид ба навигариҳои мазкур ниҳоят муҳим аст.

ХНСММ метавонад дар баланд бардоштани маълумотнокии шарикони миллӣ бо мақсади дарк намудани робитаи байни масъалаи гендер ва чунин паҳншавиҳои беморӣ, инчунин хавфи баланди зӯроварии гендерӣ ва роҳҳои ҳаллу фасли бехатар ва аз рӯи одоб ва самараноки масъала ҳангоми пандемия нақши калидӣ бозад.

Ҳар як гурӯҳи осебпазири аҳолӣ паҳншавии бемории коронавируси навро ба таври гуногун қабул хоҳад намуд. Тақрибан 48 миллион нафар занону духтарон, аз ҷумла 4 миллион занони ҳомиладор, ки мувофиқи тахминҳои ХНСММ соли 2020 ба кӯмаки башардӯстона ва муҳофизат ниёз хоҳанд дошт, дар натиҷаи паҳншавии коронавируси нав ба хатари боз ҳам бештар дучор хоҳанд гардид. Низоъ ва шароити ногувор дар минтақаҳои кӯч ва захираҳои маҳдуд эҳтимолан ниёзро ба кӯмак ва маблағгузории иловагӣ зиёд хоҳад намуд. Дар кишварҳову ҷомеаҳое, ки аллакай муддати тӯлоние бӯҳрон, низоъ, офатҳои табиӣ, масъалаи кӯчидани мардум ва дигар ҳолатҳои фавқулоддаро дар соҳаи тандурустӣ аз сар гузаронида истодаанд, нигоҳдории коронавируси нави бо суръати тез паҳншудаистода боз ҳам хатарноктар аст.  Низоми тандурустии кишварҳое, ки зери таъсири низоъ мондаанд ё осебпазир ҳисоб мешаванд, аксаран  яке аз заифтаринҳо мебошад, ки онҳоро дар назди коронавируси нав аз нуқтаи назари иқтидор барои муайян кардан, тасдиқ намудан ва идоракунии компоненти тандурустии омма ва дар қатори ин идоракунии таъсири клиникии беморӣ ба саломатии аҳолӣ осебпазир мегардонад.

# ТАВСИЯҲО

- **Таъмини нигоҳубин ва пешниҳоди маълумоти дақиқ ва дастгирикунанда** бо мақсади тақвияти бехатарӣ, ҳифзи шаъну шараф ва ҳуқуқҳои мардум.
- **Дидани чораҳои зарурӣ бо мақсади ба инобат гирифтани ниёзи ҳар як фард дар доираи сиёсат ва корҳои амалӣ,** ки ин як қадами асосӣ ҷиҳати дарки таъсири аввалия ва дуюминдарачаи чораҳои фаврии тандурустӣ ба шахсону ҷомеаҳои алоҳида мебошад. Ҳамзамон ниёзи занону духтарон ба муҳофизат дар доираи чораҳои мубориза бояд дар маркази диққат қарор гирад.
- **Бояд боварӣ ҳосил намуд, то мубориза бо коронавируси нав меъёрҳои зараровари гендерӣ, амалҳои табъизкунанда ва нобаробариро баргашта эҳё накунад ё абадӣ нагардонад.** Дарк намудан муҳим аст, ки меъёр, нақш ва муносибатҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гендерӣ ба осебпазирии занону мардон нисбат ба сироят, таъсири он ва табобат таъсир мерасонад.
- **Дидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати додани диққати ҷиддӣ ба ҳуқуқ ва саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ дар давраи паҳншавии коронавируси нав** бо дарназардошти он, ки масоили мазкур дар давраи паҳншавии беморӣ, аз ҷумла аз сабаби риояи қатъии тавсияҳо оид ба пешгирии сироят барои таъмини ҳомиладории амн ва таваллуди бехатари кӯдак дар қатори чорабиниҳои дигар метавонад таъсир бинад.
- **Бояд ба назар гирифт, ки вазъият дар масоили мазкур дар байни занону мардон,** хусусан дар байни шахсони аз ҳама бештар дарканормонда ба монанди шахсони камбизоат, маъюб, мардуми муқимӣ, шахсони дар дохили кишвар ҷойивазкарда ё гурезагон, намояндагони гурӯҳҳои калидӣ ва дигарон, ки ба намудҳои гуногуни табъиз дар соҳаҳои гуногун дучор мешаванд, **метавонад фарқ кунад.**
- **Бояд ба назар гирифт, ки чи тавр шароити карантин барои мардон ва занон фарқ кунад,** масалан оё ниёзҳои гуногуни ҷисмонӣ, фарҳангӣ, амниятӣ ва санитарии занону мардон қонеъ гардида истодааст ё не. Бояд дарк намуд, ки хона наметавонад барои баъзе занҳо макони бехатар бошад ва дар ҳақиқат метавонад эҳтимолияти зӯровариро аз ҷониби шарики шаҳвонӣ боло барад.
- Бо мақсади инъикоси дигаргуниҳо дар хизматрасониҳои мавҷуда **роҳнамоҳо оид ба механизми равонсозии ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ бояд нав карда шавад.**
- **Ба иштироки занон афзалият дода шавад, зеро мавқеи онҳо дар ҷомеа** ба онҳо барои расонидани таъсири мусбӣ ба таҳия ва татбиқи чораҳои пешгирикунанда имконияти хубе фароҳам меорад. Бо дарназардошти робитаи наздики онҳо бо мардум дар маҳал, мушоҳида ва фикру ақидаи онҳо метавонад барои хабардор шудан оид ба оғози паҳншавии беморӣ ва беҳтар намудани вазъияти тандурустӣ дар умум кӯмак расонад.
- **Ҷалби занон ба ҷараёни қабули қарор оид ба чораҳои омодагӣ ва мубориза бо паҳншавии беморӣ,** ва таъмини намояндагии занон дар фазои миллӣ ва маҳаллӣ оид ба сиёсати мубориза бо коронавируси нав.
- **Таъмини овози занони дар сафи пеши мубориза қарордошта,** аз ҷумла кормандони тиб ва шахсони аз ҳама бештар дар натиҷаи беморӣ таъсирдида ба чораҳои омодагӣ ва мубориза ва корҳои минбаъда.
- **Дастгирии иштироки самараноки занону духтарон** дар сатҳи ҷомеа, аз ҷумла шабакаву ташкилотҳои онҳо бо мақсади он, ки чораҳои дидашудаистода ва мубориза табъизро дучанд нагардонанд ва шахсони зери хатарро боз ҳам ба канор нагузоранд.
- **Бояд боварӣ ҳосил намуд, ки ҳукуматҳо ва ташкилотҳои тандурустии ҷаҳонӣ** ҳангоми таҳлили таъсири паҳншавии COVID-19 таъсири мустақим ва ғайримустақими онро ба синну сол ва ҷинс ба эътибор гиранд.
- **Додани афзалият ба ҷамъоварии маълумоти дақиқ ва пурра аз рӯи синну сол ва ҷинс** ҷиҳати муайян намудани он, ки чи гуна коронавируси нав ба фардҳои алоҳида аз нуқтаи назари паҳншавӣ, тамоюл ва дигар намуди маълумоти муҳим ба таври гуногун таъсир мерасонад.

- **Бояд боварӣ ҳосил кард, ки дар нақшаҳои амали гуманитарӣ** чораҳои мубориза бо коронавируси нав ба эътибор гирифта шуда инъикос карда шавад ва ҳифзи ҳуқуқи гурезагон, муҳоҷирон ва шахсони дар дохили кишвар ҷойивазкарда дар тамоми чораҳои миллии мубориза тарғиб карда шавад.
- **Истифодаи муносибати гуманитарӣ, муносибати ба рушд ва сулҳ равонакардашуда** тавассути мувофиқа, ҳамкорӣ, кӯшишҳои муштарак ва шарикии ташкилотҳо бо мақсади дастгирии чораҳои ҳукуматӣ оид ба мубориза; инчунин то ҳадди имкон истифода намудан аз бартариятҳои ҳукумат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар сохторҳое, ки барои ба даст овардани мақсади ягонаи мувофиқашуда кӯшишҳо карда истодаанд.



© ЮНФПА СУРИЯ

## Сарчашма


- COVID-19: таъсири паҳншавии беморӣ ба намояндагони ҷинсҳои гуногун: https://www.thelancet.com/journals/lancet/article/PIIS0140- 6736(20)30526-2/fulltext
- COVID-19 #Дастаи маълумот оид ба коронавирус (11 марти соли 2020 нав карда шудааст): https://informationisbeautiful.net/visualizations/covid-19-coronavirus-infographic-datapack/
- Роҳнамо оид ба COVID-19, Раёсати минтақаи Уқёнуси Ором ва Осиё, ХНСММ, марти соли 2020
- Ҳисоботҳои СУТ оид ба вазъияти ҳаррӯза: https://www.who.int/emergencies/diseases/novel-coronavirus-2019/situation-reports/
- Ҷабҳаҳои саломатии рӯҳӣ ҳангоми паҳншавии бемории COVID-19: https://www.who.int/docs/default-source/coronaviruse/mental-health-considerations.pdf?sfvrsn=6d3578af_2
- Низоми сезинагии фаъолсозии мубориза дар ҳолатҳои фавқулодда дар соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла бар зидди бемории COVID-19: https://hr.un.org/sites/hr.un.org/files/Coronavirus_ThreePhases_FINAL_0.pdf
- Паҳншавии бемории COVID-19 ва масъалаи гендер: Ҷабҳаҳои асосии тарғиб дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором. Шӯбаи AOR оид ба муҳофизат аз зӯроварии гендерӣ дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором; Гендер дар нақшаи амали гуманитарӣ дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором, 2020: https://gbvaor.net/sites/default/files/2020-03/GiHA%20WG%20advocacy%20%20brief%20final%5B4%5D.pdf



õ ɉ ɓɑʌɍ ɑʌɞɏʌⱤɍ ɍ
ȺʌⱤɍɒʌɍ Ȳɘəɘʠɍ ʌ̆ ɓɘɍ ɍ ƀ ō ō
605 ɚɍɥɆɓɒɍ 3-ɣ ɑ, Ȳ ɣ Ȯɓɞɏ
ȲȮ 10158
www.unfpa.org